Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجيك

Рўзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рўзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РЎЗНОМАИ КЕНГАШИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН

12 апрели соли 2003. Шанбе № 27 (12870)

Дар фурўш нархи озод. Рўзнома соати 16.00 имзо гардид.



## Ўзбекистон-Украина: мулоқоти Президентҳо

**10 апрел Президенти Украина Леонид Кучма бо сафари хидматӣ ба Тошканд ташриф овард.**

Дар қароргоҳи «Дурмон» сўҳбати рў ба рўи Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримов бо сарвари Украина ба амал омад. Сарварони ду давлат оид ба масъалаҳои муносибатҳои байни ўзбекистониву украинӣ, муаммоҳои доираи байналхалқӣ мубодилаи афкор намуданд.

Байни мамлакатҳоямон гуфтушунидҳо дар дараҷаи мухталиф гузаронда мешаванд. Ҳангоми сўҳбати президентҳо оиди рафти ба ҳаёт татбиқ намудани созишномаҳои пештар ҳосилгардида, доири масъалаҳои умдаи муносибатҳои мутақобила мубодилаи афкор ба амал омад.

Ислом Каримов ва Леонид Кучма воқеаҳои дар Ироқ ба амал омада, раванди барқароркунии Афғонистон, масъалаҳои таъмини амният ва мўътадилиро мавриди баррасӣ қарор доданд. Онҳо зарурати дар ин самт рушд бахшидани ҳамкории дуҷониба ва серҷонибаро таъкид намуданд. Дар азнавбарқароркунии раванд дар Афғонистон амалиёти мутақобилаи намояндагони соҳаи мухталиф, аз он ҷумла биноკорон-роҳсозон, кўпруксозон, кормандони соҳаи нақлиёт махсусан пурсамар мегардид.

Нуқтаи назари сарварони Ўзбекистон ва Украина оид ба як қатор масъалаҳои дорои аҳамияти байналхалқӣ ба ҳам мувофиқ буданд. Леонид Кучма сафари кунунии худро ба мамлакати мо ба сифати Президенти Украина ва раиси Шўрои сарони давлатҳои ИДМ амалӣ мегардонад. Ўзбекистон ва Украина ҳамеша ҳамдигарро дар ташаббусҳо оид ба рушди сохтори мазкур ҷонибдорӣ кардаанд. Дар рафти сўҳбат президентҳо масъалаҳои алоқаманди суръатфизоии ҷараёни ҳамгароиро дар доираи Иттиҳод, аз он ҷумла, эътибор пайдо кунондани Шартнома дар бораи минтақаи озоди иқтисодӣ барои рушди васеи муносибатҳои серҷонибаи тиҷоративу иқтисодӣ байни мамлакатҳо-узви он мавриди баррасӣ қарор доданд.

Баробари ин ҳангоми гуфтушунидҳо дар қароргоҳи «Дўрмон» диққату эътибор ба масъалаҳои ҳамкорӣ дар мубориза ба муқобили терроризми байналхалқӣ ва кочоқи моддаҳои нашъамандӣ нигаронда шуд. Зимни он зарурати минбаъда беҳтар кардани муовизаи иттилоот байни идораҳои дахлдор оид ба ин масъалаҳо, пурзўр кардани амалиёти мутақобилаи онҳо ба забон гирифта шуд.

Дар ҳамкории ўзбекистониву украинӣ коммуникатсияҳои нақлиётӣ махсус касб мекунанд. Масалан, мамлакати мо аз нақли борҳои худ ба давлатҳои хориҷӣ тавассути бандарҳои Украина манфиатдор аст. Ҳангоми сафари пештараи Леонид Кучма ба Тошканд ин масъала ба миён гузошта шуд ва ба идораҳои дахлдор фармоишҳои мушаххас дода шуданд. Оқибат натиҷаҳои мусбӣ рух доданд. Дар рафти сўҳбат аҳду паймон дар бораи рағбатноксозиву ҷонибдории ҳамаҷонибаи ин дигаргуниҳо ҳосил гардид.

Дар фарҷоми воҳўрӣ зикр гардид, ки чунин мулоқоти дуҷониба иқдоми муҳим на танҳо барои таҳлили марҳалаи кунунии ҳамкорӣ, балки барои муайян кардани вазифаҳои дурнамои он, минбаъда рушд бахшидани муносибатҳои серҷониба мебошад. Дар ин бобат изҳори боварӣ карда шуд, ки мулоқоти кунунии Президент Ислом Каримов бо сарвари Украина ба равобити байниҳамдигариамон, ки дар асоси дўстии анъанавӣ, манфиатдории байниҳамдигарӣ, эътимод, эҳтиром ва баробар инкишоф меёбад, такони нав мебахшад.

**(ЎзА).**

## Эҳтиром ба Соҳибқирон

Дар мамлакатамон зодрўзи Амир Темури бузург васеъ таҷлил мегардад. Хиёбони марказии Тошкандшаҳр, ки номи ўро дорад, 9 апрел серодам буд. Субҳ дар ин ҷо намояндагони вазорату идораҳои мухталиф, кормандони соҳаи илм ва фарҳанг, зиёиёни эҷодкор, аҳли васеи ҷамъияти собиқадорон, донишҷўён ҷамъ омаданд.

Тадбирро раиси Бунёди байналхалқии хайроти Амир Темур Муҳаммад Алӣ кушода эълон кард.

Дар солҳои истиқлолият тахти сарпарастии Президент Ислом Каримов корҳои калони хуб оид ба абадӣ гардондани хотираи ниёи бузургамон, амиқан омўхтани аҳамият ва нақши он дар таърихи ҷаҳон, ба халқ гузоштани мероси бои маънавии он ба иҷро расонда мешаванд. Дар шаҳрҳои қадимаи Тошканд, Самарқанд, Шаҳрисабз ҳайкалҳо ба Соҳибқирон гузошта шудаанд. 660-солагии Амир Темур дар доираи ҷаҳонӣ васеъ қайд гардид. Дар пойтахти ҷумҳурият Осорхонаи давлатии таърихи Темуриён кушода шудааст.

Дар тадбир раиси Иттиҳоди нависандагон, Қаҳрамони Ўзбекистон Абдулло Орипов, Нависандаи халқии Ўзбекистон Пиримқул Қодиров, донишҷўи Донишкадаи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд Мўътабар Ҳасанова ва дигарон суханронӣ намуда, зикр карданд, ки дар мамлакатамон ба иҷро расондани корҳои зиёди бунёдкорӣ бо анъаноти ҷадди бузургамон ҳамоҳанг асту фаъолият ва мероси гаронбаҳои он барои тарбияи халқ, алалхусус ҷавонон аҳамияти муҳим касб мекунад. Васиятҳои Соҳибқирон-мубориզи фидокор будан барои шукуфонии Ватану халқ, ҳамчун гавҳари чашм эҳтиёт намудани истиқлолият, ҳаёт ба сар бурдан бо орзуву омоли саъю кўшиш ба сўи донишандўзӣ ва маърифат барои ҳамаи мо намунаи ибрат гардидааст. Аз ҷониби Амир Темур ба вуҷуд овардани анъаноти давлатдории миллӣ имрўзҳо ҳамчун омили муҳим дар бобати таҳким бахшидани истиқлолият, минбаъда баланд бардоштани сатҳи зиндагонии халқ, ба роҳ мондани равобити баробарҳуқуқона бо ҷомеаи ҷаҳонӣ хизмат мекунад.

Иштирокдорони тантанаҳо ба пояи ҳайкали Амир Темур гулдастаҳо гузоштанд.

Дар тадбир Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Х.Султонов, ҳокими шаҳри Тошканд Р.Шоабдураҳмонов иштирок намуданд.

xxx

Худи ҳамон рўз дар Осорхонаи давлатии таърихи Темуриён конфронси илмиву амалӣ бахшида ба омўзиши таърихи давраи Темуриён дар солҳои истиқлолият ба амал омад.

**Баҳор ХИДИРОВА,**
**мухбири ЎзА.**

## Муҳокимаи масъалаҳои умда

Маҷлиси Маҷмўи бинокорӣ, саноати масолеҳи бинокорӣ, хоҷагии манзиливу коммуналӣ ва нақлиёти Девони Вазирон бахшида ба муҳокимаи натиҷаҳои тараққиёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва арзёбии рафти ислоҳот дар семоҳаи аввали соли 2003 ба амал омада, тахти сарпарастии ҷонишини аввали Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон К.Тўлаганов гузашт. Дар он рафти иҷрои барномаи сармоягузорӣ, дурнамои тараққиёти иҷтимоиву иқтисодӣ, минбаъда амиқ гардондани ислоҳоти иқтисодӣ дар соҳаҳои маҷмўъ ва вазифаҳо ба семоҳаи дуюми соли 2003 мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Умуман дар ҷумҳурият дар моҳҳои январ-март аз ҳисоби тамоми манбаъҳои маблағгузорӣ 284,2 миллиард сўм маблағгузории асосӣ азхуд гардид, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта ба 100,3 фоиз баробар аст.

Дар маҷлис диққату эътибори асосӣ ба иҷрои супоришҳое, ки дар Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо, аз он ҷумла дар бобати сохтмони литсейҳои академӣ ва коллеҷҳои касбу ҳунар дар семоҳаи аввали соли кунун пешбинӣ гардида буданд, нигаронда шуд. Оид ба масъалаҳои алоқаманди иҷрои барномаи маҳаллигардонии истеҳсоли маҳсулот ва масолеҳ аз ашёи хоми маҳаллӣ ва вусъат додани нерўи содиротии корхонаҳои маҷмўъ, ҳамчунин амалӣ гардондани Барномаи «Соли маҳаллаи обод» мубодилаи афкор ба амал омад.

xxx

Маҷлиси Маҷмўъ оид ба масъалаҳои алоқа ва технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионии Девони Вазирон бахшида ба натиҷаҳои се моҳи кунун ва вазифаҳои навбатӣ ба амал омада, тахти сарпарастии ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон А.Орипов гузашт.

Дар он комёбиҳои ба даст омада ҳаматарафа таҳлил гардида, роҳҳои боз ҳам баланд бардоштани натиҷаҳои истеҳсолӣ муайян гардиданд.

Дар маҷлис ба муаммоҳову камбудиҳои мавҷуда аз нигоҳи танқидӣ муносибат карда, тадбирҳои барҳамзании онҳоро андешиданд.

Дар маҷлис корҳои иҷрокардаи корхонаҳои маҷмўъ оиди ба амал баровардани Барномаи «Соли маҳаллаи обод» таҳлили ҳамаҷонибаи худро пайдо кард.

**(ЎзА).**

### Ба пешвози 70-солагии Нукус

## Шаҳри навшуда

Азбаски донишҷўям ҳар сол ду маротиба ҳангоми таътилҳои зимистонаву тобистона ба шаҳри ҷоноҷонам Нукус меравам. Аз тамошои он сер намешавам. Баъди эълон гардидани қарори Девони Вазирон «Дар бораи тайёрӣ ба ҷашни 70-солагии Нукус» дар ин ҷо бо ҳаҷми ниҳоят калон корҳои бунёдкорӣ ба иҷро расонда шуданд ва онро ҳангоми таътили зимистона бори дигар ҳис кардам. Биноҳои сершумори замонавии таъиноти мухталиф ба истифода супурда шудаанд ва бешак, ба онҳо миллиардҳо сўм харҷ гардидааст. Бисёр муаммоҳое, ки дар ҳаёти шаҳр мавҷуд буданд, ҳаллу фасли худро ёфтаанд. Аз ин рў шаҳр назаррабо, дилрабо ва хеле диққатҷалбкунанда гардида, ҳаваси ҳар як касро меоварад. Нукус қиёфаи худро батамом тағйир додааст. Зебову фусункор гардидааст. Ва он ба сифати пойтахти Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон дар пеши назари ҳамагон ҷозибаи тамоман навро касб намудааст.

Ба қарибӣ падарам, ки дар ҳокимияти шаҳр кор мекунад, ба Тошканд омаданд ва таъкид карданд, ки шаҳр ба ҷашни 70-солагии худ пурра омода гардидааст. Тамоми вазифаҳои дар қарори ҳукуматӣ пешбинигардида иҷрои худро ёфтаанд. Ба ҷашн баробари обектҳо тамоми маводи чопӣ китобҳо, мураққаъҳо тайёр шудаанд. Мураққаъи зебои серсурат ва китобҳои олимон дар бораи таърихи шаҳр, одамони машҳури меҳнатии он рўи чопро дидаанд. Ба конфронси илмиву амалӣ низ тайёрии ҳаматарафа мебинанд. Барномаи консертӣ таҳия гардида, алҳол машқҳо гузаронда мешаванд. Дар он баробари санъаткорони қароқалпоқистонӣ устодони санъат аз Тошканд низ ҳузур доранд. Яъне тамоми масъалаҳои ташкилӣ ҳаллу фасли пурраи худро ёфтаанд.

Амфитеатр барои панҷ ҳазор нафар тамошогар сохта шудааст ва дар он бори аввал «Иди ҳосил»-ро гузарондаанд. Осорхонаи санъати ба номи Савиский ҳусни тамоман нав гирифтааст. Бинои театри ба номи Бердақ, навбати аввали майдони ҳавоӣ, беморхонаи рақами якуми ҷумҳурӣ, майдонҳои Мустақиллик, Дўстии халқҳо, бисёр кўчаву хиёбонҳо эъмор гардидаанд. Таҷдиди соҳилҳои канали Қизкетген бо суръати баланд давом карда, барои истироҳату фароғати ҳамаҷонибаи шаҳриён ва меҳмонони сершумори он кулли шароит фароҳам оварда мешавад. Дар бобати ободонӣ, сабзу хуррамгардонии шаҳр ҳам корҳои зиёде ба иҷро расонда шуданд ва амалан дар иҷрои онҳо тамоми корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва маҳаллаҳои шаҳр саҳм гирифтаанд. Дар айни замон сокинони шаҳр дар хонаҳои нави истиқоматӣ бурёкўбӣ карданд.

Нукус ба бар тамоман либоси нав гирифтааст ва аҳли он имрўзҳо бо рўҳи идона ва бунёдкорӣ ҳаёт ба сар мебаранд. Кўчаҳо, хиёбонҳо, боғҳои фарҳанг ва истироҳат, кўчаҳо, ҳавлиҳо сариштаву саранҷом. « Миёнбанди сабз»-и шаҳрро тамошо кунед, беихтиёр дилатон аз шодӣ лабрез мегардад ва дасти одамизод гул буданашро бори дигар ҳис мекунед.

Алқисса, шаҳри навшуда мунтазири ҷашн, меҳмонон асту сокинони он ба ид бо тўҳфаҳои калони меҳнатӣ ҳозирӣ мебинанд.

**Давлетбой ЭРНИЁЗОВ,**
**муҳассили Донишкадаи муҳандисони соҳаи обёрӣ ва техникаи кишоварзии Тошканд.**

## Маҷлиси маҷмўи иҷтимоӣ

Маҷлиси маҷмўи иҷтимоии Девони Вазирон бахшида ба натиҷаҳои семоҳаи аввали соли 2003 ва рафти ислоҳоти иқтисодӣ ба амал омад.

Дар маҷлис масъалаҳои алоқаманди рафти иҷрои Барномаи «Соли маҳаллаи обод» мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Рафти иҷрои корҳое, ки аз барнома ҷо гирифтаанд, аз он ҷумла натиҷаҳои ҳашари умумихалқӣ оиди ободгардонии маҳаллаҳо, ҷашни умумихалқии Наврўз ва дигар тадбирҳое, ки дар барнома пешбинӣ гардидаанд, таҳлили худро ёфтанд.

Гуфтугузор ҳамчунин дар бораи рафти тайёрӣ ба мусобиқаҳои варзишии мактабхонони «Баркамол авлод» ва «Умид ниҳоллари», фаъолияти Бунёди рушди варзиши бачагона ба амал омад. Диққату эътибори асосӣ ба рушду оммавӣ гардондани варзиш ҳамчун омили муҳими тарбияи авлоди солим дар мамлакатамон, сохтмони иншоотҳои варзишии бачагона дар ҳудуди маҳаллаҳо нигаронда шуд.

Чуноне ки маълум аст, Президенти мамлакатамон ҳангоми азназаргузаронии Осорхонаи давлатии таърихи Ўзбекистон фикру мулоҳизаҳои пурқиматро нисбати беҳдошти фаъолияти осорхона доданд. Аз он ҷумла, диққату эътибор ба зарурати такмил додани нигораҳои осорхона бо назардошти консепсияи асосии намоишӣ дар асоси марҳалаҳои рушди давлатдории миллӣ, ки аз қадим дар сарзамини мо арзи ҳастӣ намудаанд, дар маҳалҳои мухталиф ва нашрияҳои хориҷ тарғибу ташвиқ кардани нигораҳои нодир, ташкили намоишдиҳии онҳо дар осорхонаҳои хориҷӣ ва дигар намоишгоҳҳо нигаронда шуд. Дар маҷлис корҳое таҳлил гардиданд, ки ҷамоаи осорхона дар самти мазкур ба иҷро мерасонад.

Дар маҷлис рафти ислоҳоти иқтисодӣ дар Ширкати миллии «Ўзбектуризм», ҳамчунин тадбирҳо оид ба таҳким бахшидани интизоми иҷроия дар вазорату идораҳое, ки ба таркиби Маҷмўи иҷтимоӣ шомиланд, муҳокима гардида, қарорҳои дахлдор қабул шуданд.

## Меҳрубон ва ғамхор бошем

**Маҷлиси Маҷмўи Девони Вазирон оид ба ҳифзи иҷтимоии оила, модарон ва фарзандон ба амал омада, тахти сарпарастии ҷонишини Нахуствазир Дилбар Ғуломова гузашт.**

Дар он фаъолияти котиботи ҳифзи иҷтимоии оила, модарон ва кўдакони Шўрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо шаҳри Тошканд, ҳамчунин дигар ташкилотҳое, ки дар тасаруфи маҷмўъ мебошанд, дар бадали семоҳаи аввали соли кунун мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Маърўзаи мудири Котиботи Маҷмўи ҳифзи иҷтимоии оила, модарон ва кўдакони Девони Вазирон Т.Норбоева шунида шуд.

Дар он баробари комёбиҳо аз хусуси муаммоҳо низ ҳарф зада шуд.

Мувофиқи Барномаи давлатии «Авлоди солим» тадбирҳои зиёде ҷомаи амал пўшонда шуданд. Мувофиқи Барномаи «Соли маҳаллаи обод» барои баланд бардоштани нуфузи мақомоти худидораи шаҳрвандон, торафт мустаҳкам кардани арзишҳову анъаноти миллӣ, ҳисси меҳру муҳаббат ва оқибати байниҳамдигарӣ корҳои муайяне ба иҷро расонда шуданд.

Маҷлис аз рўи масъалаҳои муҳокимагардида қарорҳои дахлдор қабул намуд.

**(ЎзА).**

## Хушхабарҳо

### Такягоҳи асосӣ

Пахтакорони вилояти Фарғона, минҷумла зафармандони деҳоти хоҷагии ширкатии «Водил»-и ноҳияи Фарғона ба техника такя намуда, соли гузашта аз ҳар гектар ба ҷои 24 сентнерӣ 30 сентнерӣ ҳосили пахта бардошта буданд. Имсол онҳо нишондиҳандаи мазкурро аз ҳар гектар ба 35 сентнерӣ расонданианд.

—Дар бобати фатҳи қуллаҳои баланди меҳнатӣ мо асосан ба қувваи техника такя мекунем,—мегўяд раиси садорати хоҷагии мазкур Раҳимҷон Қўчқоров.—Дар айни замон маҳорати механизаторони пешқадамон ҳам даст медиҳад.

**К.МУҲИДДИНОВ.**

### Аз ҳисоби даромад

Маҷмўи нави варзиш дар хоҷагии ширкатии «Зарметан»-и ноҳияи Қизилтеппа, аниқтараш дар маҳаллаи »Работ» ба истифода супурда шуд. Акнун коркунони хоҷагӣ имконияти машғул гардидан бо намудҳои оммавии варзиш, аз қабили футбол, волейбол, шоҳмоту шашка, варзиши сабук ва ғайра пайдо карданд. Соли гузашта даромади хоҷагӣ аз маҳсулоти кишоварзӣ беш аз 600 миллион сўмро ташкил дод. Аз ҳисоби ана ҳамин даромад маҷмўи варзишӣ дари худро боз намуд.

**А.НАЗАРОВ.**

### Иди суруд

Дар шаҳри Самарқанд марҳалаи вилоятии озмун-азназаргузаронии ҷумҳурии анъанавии «Ўзбекистон қўшиқ байрами» («Иди суруди Ўзбекистон») ба амал омада, дар он ғолибони марҳалаи ноҳиявиву шаҳрӣ иштирок намуда, ба ҳукми тамошогарон дастаҳои мақом, созиву овозӣ, эҷодиёти халқ, хориву академӣ маҳорати худро пешкаш намуданд. Дар он М.Ҳайдаров аз ноҳияи Нарпай, ҷамоаи хори мактаб- интернати рақами 19-уми ноҳияи Пастдарғом, Н.Ботиров, аз дастаи ҳунарии Каттақўрғон, дастаи фолклориву этнографии мактаббачагони ноҳияи Пахтачӣ ғолиб омаданд ва дар марҳалаи ҷумҳурии озмун-азнавгузаронӣ иштирок мекунанд.

### Муаррифӣ

Дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд маросими муаррифии мураққаъи (албоми) «Ислом Каримов—Президенти аввалини Ўзбекистон» ба амал омад. Дар он ба академик Б.Валихўҷаев, раиси кенгаши оқсақолони донишгоҳ М.Ҷўрақулов, барандагони идрорпулии Президенти ҷумҳурият А.Аҳадов, С.Скоробогатова, А.Солиевҳо мураққаъ тақдим гардид. Нотиқон таъкид намуданд, ки китоби мазкур солномаи ба худ хоси истиқлолият мебошад.

**З.САИДОВ.**

### Суръати баланди корҳо

Пахтакорони ноҳияи Миришкори вилояти Қашқадарё суръату сифати кишти пунбадонаро баланд мебардоранд. Онҳо имсол камаш 75 ҳазор тонна «тиллои сафед» тайёр карданӣ ҳастанд. Махсусан суръати киштy кор дар хоҷагии ширктии «Ўзбекистон» хеле баланд мебошад. Зеро техника сари вақт аз тармим бароварда, майдонҳо ба кишт хушсифат омода гардиданд. Пудратчиён дар бобати ба ҷо овардани корҳои саҳроӣ намунаи ибрат мегарданд.

**А.АЪЗАМҚУЛОВ.**



## Нахи Рометан ба хориҷ

*Аҳли меҳнати Ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди «Заводи пахтатозакунии Рометан» соли гузашта 42559 тонна «тиллои сафед» қабул карда, аз он ба 33 фоиз гирифтани нахи аълосифат муваффақ гардиданд.*

*Азбаски ба сифат диққату эътибор калон аст, ба он мизоҷони сершумор мароқи калон зоҳир менамоянд. Аз он ҷумла, сафи шарикони хориҷии ҷамоа пайваста зиёд мегардад. Ин аст, ки қисми зиёди нах ба содирот бароварда мешавад. Минҷумла, наҳ ба корхонаҳои мамлакатҳо, аз қабили Итолиё, ИМА, Фаронса, Россия ва Куриёи Ҷанубӣ роҳ пеш мегирад. Баробари ин ба хоҷагиҳои ноҳия тухмии хушсифат расонда дода мешавад. Дар бобати таъмини комёбиҳои нав ба нави меҳнатӣ саҳми Равшан Раҷабов, Намоз Раҳмонов, Анвар Иброҳимов, Махсума Ҳайитова, Фахриддин Раҷабов, Ҳайит Шодиев, Лутфулло Саъдиев, Ғолиб Ҳамроев, Истам Эргашев барин зарбдорон калон аст.*

***Дар сурат:*** *коргари пешқадами ҷамъияти мазкур* ***Фахриддин Раҷабов.***

**Матн ва сурати Собир ЗУФАРОВ. (ЎзА).**

## Ахбори фушурда

### Санаҳои бузурги кайҳон

**Дар хиёбони назди кинотеатри ба номи Ю.Гагарини ноҳияи Чилонзори пойтахт бахшида ба Рўзи байналмилалии авиатсия ва кайҳоннавардӣ, 40- солагии аввалин парвози кайҳоннавардзан В.Терешкова ва 60-солагии Фарҳангистони улуми Ўзбекистон маросими ба худ хос ба амал омад.**

Созмондиҳандагони ин маросим ҳамаи ин ҷашнҳоро ба 12 апрел—Рўзи байналмилалии авиатсия ва кайҳоннавардӣ мувофиқ намуданд, ки дар байни созмондиҳандагон ғайр аз сафорати Русия ва Росзарубежсентр инчунин Ҷамъияти дўстии ду мамлакат ва Бунёди байналмилалии аэрокосмикии бачаҳо ба номи Ш.Воҳидов ҳастанд.

Сафири Русия Д.Рюриков, академикҳо Б.Йўлдошев, Ш.Воҳидов, Т.Долимовҳо аз бобати нақши соҳаи кайҳоншиносӣ дар илми муосир ва рушди техникаву илми соҳаҳои гуногун ҳарф заданд. Тантанаҳо бо гулгузорӣ ба муҷассамаи Ю.Гагарин ва барномаи ҳунарии мактабиёни ноҳияи Чилонзор ба поён расид.

**Ш.ЗАЙНУДДИНОВ.**

### Нури офтоб — барқи арзон

**Аз гармиҳои газу нафту об, ки ҳоло дар тамоми ҷаҳон истифода менамоянд, ҳарфи тоза гуфтан ҳам имкон надорад. Аммо олмониҳо навгоние, ки ҳоло дар Ўзбекистон ҷорӣ карданианд, қобили таваҷҷўҳ аст.**

Корхонаи муштараки «РВЕ шот солар» дар Олмон аз рўи лоиҳае корро шурўъ намуданд, ки барои тавлиди техникаи гармии офтоб, ки бояд аз он ба ҷои барқ истифода гардад. Ва ҳоло онҳо барои озмоиш дар қадами аввал дар чанд маҳал ин дастгоҳҳоро гузоштан мехоҳанд, ки бо истифода аз нури офтоб барқ ҳосил карда шавад. Ва ин дастгоҳҳо аз 10 то 300 волт мебошанд ва минбаъд намояндагии ин корхонаи муштарак бо мақсади фурўши ин техника дар Ўзбекистон кушода шавад.

—Дар Ўзбекистон нисбат ба Олмон 40 фоиз нури офтоб зиёд аст, ки аз ин бояд босамар истифода гардад,— мегўяд намояндаи ин корхона хонум Шнайдер Гмелх.

**Т.ИКРОМОВ.**

